**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шарифов Шӯҳратҷон Ҷумъаевич “Таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихихалқитоҷик) пешниҳод гардидааст**

Таърих гувоҳ аст, ки яке аз масъалаҳои муҳими барпокардани давлати соҳибистиқлол, ин ташаккули худшиносии миллӣ, ҳамаҷониба омӯхтани таърих ва фарҳанги халқи тоҷик маҳсуб меёфт. Бо назардошти ин зарурияти омӯзиши таъриху фаъолияти муассисаҳои маданӣ - маърифатӣ, аз ҷумла–муассисаҳои клубӣ, маҳфилҳои худфаъолияти бадей, китобхонаҳо, осорхонаҳо ва театрҳои халқӣ низ ба миён омад.

Дар ин раванд диссертатсияи номзадии Шарифов Шӯҳратҷон Ҷумъаевич “Таърихи муассисаҳои маданӣ- равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)” саривақти буда, аҳамияти илмӣ ва тарбиявӣ дорад.

Диссертант мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро асоснок намуда қайд менамояд, ки ҳарчанд раванди ташаккул ва рушди муассисаҳои фарҳангӣ ба замони шӯравӣ рост меояд, вале зарурияту омӯзишу баррасии муттасилу мақсадноки таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ба миён омад. Бинобар ин дастрас гардидани маъхазу сарчашмаҳои ҳуҷҷатӣ ва баррасии онҳо аз нигоҳи вокеияти замон таваҷҷуҳи муаллифро ба таҳқиқи бунёдии таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҷалб намуд.

Ҳамзамон диссертант таъкид менамояд, ки муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ ҳамчун донишкадаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккулёбии афкори ҷомеа, таҳкими истиқлолият ва ваҳдати миллии халқи тоҷик нақши асосиро мебозад.

Дар мукаддима муҳимияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор гирифта,

объекту предмети таҳқиқ мушаххас карда мешавад, асосҳои назариявию методологӣ ва методҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои истифодашуда баён, навгони илмӣ, аҳамияти назарияву амалии таҳқиқ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адаббиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия – "Вазъи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар солҳои аввали даврони истиқлол" ба масъалаҳои таърихи ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар замони шӯравӣ, ҳолати китобхонаҳо, осорхонаҳо ва театрҳои минтақа дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияи давлатӣ, саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми иҷроияи ҳокимиятҳои маҳаллӣ дар барқарорсозӣ ва ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақа бахшида шудааст.

Муаллиф боби мазкурро мавриди таҳқиқ қарор дода қайд менамояд, ки солҳои нахустини таъсисёбии Ҳукумати Шӯравӣ дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон кори ташкил намудани муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ: чойхонаҳои сурх, клубҳо ва китобхонаҳо босуръат ривоҷ меёфт. Клубу чойхонаҳои сурх ҷойи истироҳат ва фароғати мардум ба ҳисоб мерафтанд. Ҳукумат ба маърифтанокии оммаи меҳнаткон диққати махсус медод.

Хулосаи муаллиф дар бораи он, ки дар замони шӯравӣ муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб яке аз шохаҳои муҳими фаъолияти идеологии роҳбарияти собиқи вилояти Кӯлоб ба ҳисоб мерафт, инчунин дар ин давра дар назди хонаҳои фарҳанг маҳфилҳои худфаъолияти бадеӣ амал менамуданд, ки бо барномаҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва умумииттифоқӣ иштироки фаъолона доштанд, боиси дастгирист.

Диссертант доир ба вазъи китобхонаҳо, осорхонаҳо ва театрҳои минтақа дар солҳои аввали ба даст оварани истиқлолияи давлатӣ сухан

ронда аз ҷумла менависад: “Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ фазои Тоҷикистони соҳибистиқлолро бӯҳрони сиёсию иқтисодӣ фаро гирифта буд, ки ин ҳолат ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид. Ҷанги шаҳрвандӣ дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ба муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ низ таъсири манфӣ гузошт.

Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон вазъи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Маблағгузорӣ намудани муассисаҳои фарҳангӣ, вайрону валангор гаштани иморатҳо, рафтани мутахассисон аз соҳаи фарҳанг ба он оварда расонд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар вилояти Хатлон аксари муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ аз фаъолият боз монанд.”

Дар зербоби сеюми боби якум муаллиф ба таҳқиқ ва таҳлили саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимиятҳои давлатии маҳаллӣ дар барқарорсозӣ ва ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақа машғул шудааст.

Диссертант барҳақ тазаккур медиҳад, ки дар партави сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумаи Ҷумҳурии Тоҷикистон №501 аз 30 декабри соли 2005 тасдиқ шудааст.

Консепсияи рушди фарҳанг муттасил, зина ба зина амалӣ гардида, дар асоси он таҳия ва тасдиқ гардидани Барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои мухталифи фарҳанг ва санъат, оғоз гардидани сохтмон, таъмир ва ҷиҳозонидани муассисаҳои фарҳанг, баргузории конференсияҳо, озмунҳо, фестивалҳо имкон медиҳад, ки таҷрибаи андӯхта таҳлил ва роҳҳои самараноки татбиқи Консепсияи рушди фарҳанг саҳеҳу равшан гардонида шаванд.

Дар натиҷаи таҳлилу баррасии вазъи театрҳо муҳаққиқ ба чунин хулоса омадааст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ” (2 декабри соли 2002, №80) асосҳои эҳё ва инкишофи навъҳои гуногуни театрҳоро ба низоми муайян даровардааст.

Диссертант зикр менамояд, ки новобаста аз он, ки театрҳои касбии минтақаи Кӯлоб фаъолияти худро беҳтару бештар намудаанд, дар ҳаёти театрӣ камбудиҳо ҷой доранд, ки ҳалли оҷилии онҳо ба сифати зарурияти аввалия пеш омадааст.

Дар боби дуюми диссертатсия - "Рушди минбаъдаи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ дар минтақа" ҷалб намудани ҳунарҳои бадеии эҷодиёти халқ дар рушди муассисаҳои маданӣ-равшанамоии минтақа, рушди осорхонаҳо ва фароҳамсозии ҳифзи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, иштироки муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақа дар азназаргузарониҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявию байнал халқӣ ҷамъбаст гардидааст.

Шиносоӣ бо диссертатсия ба чунин ақида меорад, ки тоҷикон аз зумраи халқҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, ки аз қадим ба ҳунару ҳунармандӣ алоқаи зич дошта, дар густариши фарҳанги умумиҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштанд. Онҳо бо шуғлу касбу ҳунарҳои гуногунашон мушкилиҳои ҳаёташонро осон гардонида, зиндагиашонро пеш бурда, нозукиҳои гуногуни онро ба дигарон мефаҳмониданд. Роҷеъ ба ҳунарҳои зебои мардумӣ мисли меъморӣ, наққошӣ, нигорасозӣ, оҳангарӣ, заргарӣ, кандакорӣ дар чӯб дар шоҳасари "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров маълумотҳои пурқиммат оварда шудааст. Дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо дастгирию ғамхориҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон имконият пайдо гардид, ки тамоми ҳунарҳои мардумӣ, ки баъзеи онҳо ба гӯшаи фаромушӣ рафта буданд, аз нав эҳё гардида, рушду инкишоф ёбанд.

Диссертант барҳақ тақвият медиҳад, ки соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба рушду нумӯи ҳунарҳои мардуми Хатлон такони ҷиддӣ дод. Соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳунарҳои бадеӣ-халқӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти косибию ҳунармандӣ" қабул карда шудаанд, ки онҳо равияҳои амалии

эҷодиёти мардумиро ба низоми муайян даровварда, принсипҳои асосии дастгирии давлатии ҳунарҳои бадеии халқӣ мусоидат мекунанд.

Маводи ҷолибро муаллиф дар зербоби дуюми боби дуюм "Рушди осорхонаҳо ва фароҳамсозии ҳифзи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ" гирд овардааст. Дар он масъалаҳои рушди осорхонаҳо ва ҳифзи мероси таърихию фарҳангии минтақаи Кӯлоб мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Хулосаи диссертант дар бораи он, ки маҳз дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ муяссар гашт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкили осорхонаҳо - ҳамчун махзани ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии ниёгон ва ба намоиш гузоштани онҳо бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд боиси ҷонибдорист. Дар ин раванд дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бунёди "Осорхона – мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара, муассисаҳои давлатии осорхонаи "Ҳунармандон"-и шаҳри Кӯлоб, Мамнӯъгоҳи таърихӣ- "Ҳулбук", Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои "Кӯлоб" гувоҳи гуфтаҳои болост.

Диссертатсия бо зербоби – "Иштироки муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақа дар азназаргузориҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ" анҷом меёбад.

Дар рисола қайд шудааст, ки баргузории ҷашну ҷашнвораҳо, барномаҳои пурмӯҳтавои фарҳангию байналмилалӣ яке аз рукнҳои сиёсати фарҳангиии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамасола баргузор мегарданд ва ба кишвари тамаддуни ориёи шинохта шудани Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Далелҳои муътамад собит менамояд, ки муассисаҳои фарҳангии минтақаи Кӯлоб дар замони истиқлолият дар фестивалҳои вилоятӣ ва умумиҷумҳуриявии "Андалеб", "Парасту", "Даргоҳи ҳунар ва маърифат", "Гулу гулдастаҳои як чаманем", "Ганҷина", "Садои фалак", "Иди китоб", "Сайри гули лола", "Меҳридиёр", "Тараннуми Истиқлол"

ва дигарҳо фаъолона иштирок намуда, ҳадафҳои асосию шартҳои чорабиниҳои номбурдаро мувофиқ ба талаботи замон иҷро намуданд.

Такризи мазкурро ҷамъбаст намуда бо боварии комил метавон гуфт, ки диссертатсияи Шарифов Ш.Ҷ. таҳқиқоти илмии том ва анҷомёфта мебошад.

Қобили қайд аст, ки муаллифи диссертатсия дар хулосаи худ ба таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2016 баҳои арзанда дода, маводи арзишноки ҳуҷҷатиро доир ба минбаъда беҳтар намудан ва такмил додани проблемаи мазкур пешниҳод менамояд.

Рисолаи диссертатсионии Шарифов Ш.Ҷ., ки ба марҳилаи муҳими таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст, таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида мешавад. Бешубҳа бояд қайд намуд, ки вай ҷои холӣ дар таърихи Тоҷикистон мавҷударо пурра хоҳад кард.

Дар баробари ин ҳамчун муқарризи асмӣ якчанд эродҳои худро, ки дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ ба миён омаданд баён намоям:

1. Мувофиқи мақсуд мебуд унвони диссертатсия "Таърихи муассисаҳои маданӣ-маърифатии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давраи истиқлол (солҳои 1991-2016)" номида шавад.
2. Дар диссертатсия сабабҳои иҷро нагардидани баъзе аз барномаҳои давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ, осорхонаҳо, театрҳои халқӣ ва касбӣ пурра шарҳ дода нашудааст.
3. Дар диссертатсия ҳамкориҳои сохторҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятию ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар рушди муассисаҳои маданӣ-равшаннамои минтақа нокифоя инъикос ёфтааст.
4. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

Вале ин хатогиҳо характери принсипалӣ надоранд ва дастовардҳои асосии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат ва корҳои нашргардидаи унвонҷӯ мақоми диссертатсияро инъикос менамояд.

Рисолаи диссертатсионии Шарифов Шӯҳратҷон Ҷумаъевич "Таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)" ба талаботи пешниҳодкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд.

Мувофиқи бандҳои 10,11,12 ва 16 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505 Шарифов Шӯҳратҷон Ҷумъаевич ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърихи ватан ва археологияи**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба**
**номи академик Бобоҷон Ғафуров** **Набиев Ваҳоб Машрафович**

**Имзои профессор В.М. Набиевро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДХ**
**ба номи академик Бобоҷон**
**Ғафуров** **Наврӯзов Э.**

Маълумот барои тамос:
Суроға:735700 ш.Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров

Тел: (+992) 92-803-00-01
E-mail: v.m.nabiev@mail.ru